«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
«__» __________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур, дар мавзуи “Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи забони тоҷикӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Мансурзода Н.М. унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Мансурзода Н.М. соли 2001 ба ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров дохил шуда, онро соли 2006 хатм намуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30.12.2018 №630, ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи донишгоҳи мазкур қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 30-юми декабри соли 2018, қарори №5/7.11 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ Мансурзода Наргиса Мансур номзади илмҳои педагогӣ дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мансурова Ҷамила Сулаймоновна мебошад.

Диссертатсияи Мансурзода Н.М. дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 15.12.2025, №15 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи “Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ” чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи довталаб Мансурзода Наргиса Мансур дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат дорад. Муҳтавои диссертатсия ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълими фанни забони тоҷикӣ, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ, истифодаи воситаҳои адабиёти бачагона дар раванди таълим ва тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ равона гардида, доираи предметӣ ва методологии ихтисосро фаро мегирад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфта, ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди сармояи инсонӣ, такмили сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳкими арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ равона шудааст.

Мавзуи диссертатсия бо масъалаҳои мубрами тарбияи ахлоқӣ, ташаккули ҷаҳонбинии инсондӯстона, баланд бардоштани фарҳанги маънавии насли наврас

ва ҷорӣ намудани равишҳои муосири педагогӣ дар таълими фанҳои гуманитарӣ иртиботи мустақим дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди илмҳои педагогӣ, такмили методикаи таълими забони тоҷикӣ ва татбиқи технологияҳои самараноки таълимӣ дар зинаи ибтидоӣ мусоидат менамоянд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Мақолаҳо ва маводи илмии ба табъ расонидаи диссертант масъалаҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои муҳим ва хулосаҳои назариявию амалии диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Интишороти илмӣ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ буда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи проблема, асосноккунии назариявӣ, таҳқиқи таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳо равшан нишон медиҳанд. Иштирок ва баромадҳои илмии диссертант дар конфронсҳо ва ҳамоишҳои илмӣ низ паҳлуҳои муҳимми таҳқиқотро муаррифӣ мекунанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқи онҳо.**

Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии бадастоварда дар он зоҳир мегардад, ки онҳо метавонанд дар раванди таълими фанни забони тоҷикӣ, корҳои тарбиявӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва маводи машваратӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин барои омӯзгорон, донишҷӯёни ихтисосҳои педагогӣ, шуъбаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи маориф аҳаммияти амалӣ доранд. Истифодаи онҳо дар навиштани корҳои курсӣ, корҳои дипломӣ, рисолаҳои магистрӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ имконпазир мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоиро тавассути адабиёти бачагона бори аввал ба таври низомманд ва мукаммал дар доираи таълими забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии равандро таҳия намуда, маҷмуи роҳҳо, усулҳо ва

воситаҳои самараноки педагогиро пешниҳод кардааст. Иштироки мустақими диссертант дар таҳияи барномаи озмоиши педагогӣ, интихоби методҳо, гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ, таҳлили натиҷаҳо ва ҷамъбасти хулосаҳои илмӣ саҳми шахсии ӯро дар иҷрои таҳқиқ равшан нишон медиҳад.

Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариявии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд. Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи барномаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, интихоби асосноки усулҳо ва роҳҳои омӯзиш, ташкил ва баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои бадастомада, инчунин коркард, ҷамъбаст ва санҷиши амалии хулосаҳои илмӣ ба таври возеҳ ифода меёбад.

Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур, дар мавзуи “Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ” ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи диссертатсияи пешниҳодшаванда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар конференсияи байналмиллалӣ ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

## 1.Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-А] Ҳайдарова, Н.М. Методологияи таълимоти педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] **Ҷ.С. Мансурова**, Н.М. Ҳайдарова, // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. Душанбе, 2023.- №4-1 (18). С. 42-50. ISSN 2708-5759.

[2-А] Ҳайдарова, Н.М. Ҳолатҳои воқеи ва роҳу имкониятҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифодаи адабиёти бадеӣ. [Матн] Н. М.Ҳайдарова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Душанбе, 2024.- №2 (51). С. 202-207.

[3-А] Ҳайдарова, Н.М. Асосҳои ташаккули назариявии сифатҳои ахлоқии гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. [Матн] Н.М. Ҳайдарова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2024. №11(қисми1). С. 319-331 ISSN 2074-1847.

[4-А] Мансурзода Н.М. Истифодаи афкори инсонпарваронаи мутафаккирони тоҷику форс дар таълиму тарбияи синфҳои ибтидоӣ. [Матн] Н. М.Ҳайдарова// Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ» Хуҷанд, 2025. №2 (83). С.90-97 ISSN 2077-4990.

[5-А] Мансурзода Н.М.Таҳлили назариявии проблемаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ. [Матн] Н.М. Мансурзода Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2026. № 2 с.301-314 ISSN 2074-1847

[6-А].Мансурзода, Н.М. Моҳияти арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ ва имкониятҳои адабиёти бачагон дар ташаккули онҳо. [Матн] **А.О.Ғаффоров.,** Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ» Хуҷанд, 2026 №2 с. ISSN 2077-4990.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ ва амалӣ нашр гардиданд:

[7-А] Мансурзода, Н.М.(Ҳайдарова,Н.М.)Таъсири ғояҳои мутафаккирони тоҷику форс ба методикаи таълими синфҳои ибтидоӣ.[Матн] Мансурова Ҷ.С., Н.М. Ҳайдарова // Стефанос № 5 (73). С. 97-107 ISSN 2309-9917 (РИНЦ).

[8-А] Ҳайдарова, Н.М. Ҷанбаҳои педагогикаи башардӯстӣ. [Матн] Н.М. Ҳайдарова// Конференсия байналмилалии илмӣ- амалӣ дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ- методологии омодагии касбӣ- методии омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияи муосир”. - Душанбе, 2024, с. 294-296

[9-А] Ҳайдарова,Н.М. Шароити педагогӣ ва психологии воситаҳои ташаккули қобилиятҳои гуманистӣ маҳорати хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути истифодаи адабиёти бачагона. [Матн] Н. М. Ҳайдарова// Конференсия байналмилалии илмӣ- амалӣ дар мавзуи “Илмиҳои ҷамъиятӣ-- гуманитарӣ ҳамчун омили тағйирёбии иҷтимоӣ. Ш. Белгород, 27 июня 2024, С. 55-58

[10-А] Ҳайдарова, Н.М. Асосҳои тарбияи башардӯстӣ дар мактаббачагон. [Матн] Н. М. Ҳайдарова// Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзуи«Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона», Душанбе, 15 апрели соли 2024.

[11-А] Ҳайдарова, Н.М. Салоҳиятҳои ахлоқӣ – гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омзмоиш аз истифодаи адабиёти бадей ва тащлили муқоисавии натиҷаҳои он. [Матн] Н. М. Ҳайдарова// Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзуи «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона», Душанбе, 15 апрели соли 2024.

[12-А] Мансурзода, Н.М. Самаранокии истифодаи муносибати босалоҳият дар тарбияи ахлоқӣ башардустии хонандагони синфхои ибтидоӣ» [Матн ] / Н.М. Мансурзода Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ бахшида ба «35 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Душанбе, 23.02.2026 с.367-369

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур, дар мавзуи “Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи забони тоҷикӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур, дар мавзуи “Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони модарӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи забони тоҷикӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 15.12.2025, қарори №15 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа**,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович

**Котиби ҷаласа**,
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Фароғат Анваровна

Имзои Т.А. Самиев ва Ф. Арбобоваро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвалӣ
15.12.2025

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj. Сомона: www.tgpu.tj